# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич дар мавзӯи “«Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)»-и Руи Гонсалес де Клавихо ҳамчун сарчашмаи таърихӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09- Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ.**

Диссертатсияи Ҷонмуродов Шамшод Мирзоевич ба яке аз мавзуъҳои муҳими асримиёнагии таърихи халқи тоҷик бахшида шуда, ба мубрамияти он шубҳае вуҷуд надорад. Яке аз нуқтаҳои мубрамияти ин мавзуъ дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи рисолаи мавриди таҳқиқ шоҳиди бевоситаи ҳодисаҳои дар асар сабтгардида аст ва маводи таърихиву ҷуғрофии дар асар зикргардида ба гиреҳҳои зиёди баҳсталаби ин давр равшанӣ хоҳад андохт.

Аз мазмуни автореферат бармеояд, ки диссертант вазифаву ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффаққият ҳал намуда, натиҷаҳои дилхоҳ ба даст овардааст.

Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот хеле бой аст ва Ҷонмуродов Ш.М. муваффақ гардиддаст, ки ҳангоми баррасии ин мавзуъ бар мабнои сарчашмаҳои боэътимоди таърихиву ҷуғрофии гуногун саҳеҳияти ахбори Руи Гонсалес де Клавихоро муайян намояд.

Қобили қайд аст, ки диссертант аз асари Клавихо маводи зиёдеро доир ба таърихи сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва ибтидои асри XV пайдо намуда, пас аз муқоиса бо маъхазҳои дигар онҳоро ба гардиши илмӣ ворид намудааст.

Рисолаи Ҷонмуродов Ш.М. аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар боби аввал дар бораи муаллифи рисолаи «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406)», «Сохтор ва тавсифи мазмуни бобҳои ин асар» таваққуф намуда, ахбори таърихӣ-ҷуғрофии Руи Гонсалес де Клавихоро роҷеъ ба шаҳрҳои Хуросон ва Мовароуннаҳр мавриди баррасӣ қарор додааст.

Боби дуюми рисола «Бозтоби баъзе ҳаводиси таърихии Хуросону Мовароуннаҳри нимаи дуюми асри XIV – ибтидои асри XV дар «Рӯзномаи сафар ба Самарқанд ба дарбори Темур дар солҳои 1403-1406»-и Руи Гонсалес де Клавихо» унвон дошта, аз се зербоб иборат аст. Диссертант дар ин боб дар бораи Темур ва баъзе аз намояндагони хонаводаи ӯ, оид ба муқаррароти маросими пазироии сафирон ва базморой дар дарбори Темур ва муносиботи Темур бо ду рақиби сиёсиаш – Тухтамишхон ва Йилдирим Боязид аз рӯи ахбори Клавихо овардааст.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст карда шуда, хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар таҳқиқи масъалаи мазкур манзур гаштааст, ки арзиши илмии диссертатсияро рӯшан менамояд.

Диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М. аз рӯи сохтору мазмуни худ ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертсияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра мувофиқ буда, комилан ҷавобгӯи он мебошад.

Диссертатсияи Ҷонмуродов Ш.М., таҳқиқоти пурра ба анҷомрасида ба шумор рафта, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст ва унвонҷӯ сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, манбаъшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мебошад.

Номзади илмҳои таърих,
дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои
байнифарҳангии Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода Раҷабов Саидниъмон Мулоҷонович

Ҷумҳурии Тоҷикистон, суроға, ш.Душанбе,
кӯчаи Ф. Муҳаммадиев 17/6
телефон 232.50.00, e-mail: ddzt@ddzt.tj
Имзои номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи таърих ва робитаҳои байнифарҳангӣ Раҷабов С. М. -ро тасдиқ менамоям
Мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи С.Улуғзода Наҷмуддинов Шоҳиддин Мирзомуддинович
аз 01.11. 2022 с.